## Шарҳи моҳонаи таваррум • НОЯБРИ 2023

**Сатҳи таваррум[1] дар моҳи ноябри соли 2023 бо нишондиҳандаи манфии 0,2 фоиз ҷамъбаст гардид, ки дар муқоиса ба ҳамин моҳи соли гузашта 0,7 банди фоизӣ (б.ф.) кам мебошад.**

Дар моҳи баррасишаванда пастравии сатҳи нархҳо асосан аз ҳисоби коҳишёбии нархи маҳсулоти хӯрокворӣ -0,7 фоиз (саҳм дар таваррум -0,4 б.ф.) ба амал омад. Ҳамзамон, дар ин моҳ нархи молҳои ғайрихӯрокворӣ 0,4 фоиз (0,1 б.ф.) ва хизматрасониҳои пулӣ ба аҳолӣ 0,4 фоиз (0,1 б.ф.) раванди болоравӣ доштанд.

Дар сохтори маҳсулоти хӯрокворӣ дар моҳи мазкур асосан коҳишёбии нархи сабзӣ 30,7 фоиз, карам 20,5 фоиз, тухм 9,3 фоиз, равғани пахта 6,7 фоиз, пиёз 3,7 фоиз, равғани офтобпараст 3,1 фоиз, себ 2,3 фоиз, шакар 1,8 фоиз, орди навъи якум 0,5 фоиз ва ғайра ба қайд гирифта шуд. Раванди мазкур асосан дар натиҷаи таъсири омилҳои мавсимӣ ва ҷамъоварии ҳосили фаровони баъзе аз маҳсулоти кишоварзӣ, инчунин муътадил шудани нархҳои воридотӣ ба амал омад.

Инчунин, дар ин давра болоравии нархи баъзе аз маҳсулоти хӯрокворӣ, аз ҷумла нархи помидор 53,3 фоиз, бодиринг 51,4 фоиз, ангур 23,0 фоиз ва ғайра ба қайд гирифта шуд.

Аз молҳои ғайрихӯрокворӣ бошад, дар моҳи ноябри соли ҷорӣ бештар қиматшавии нархи либос ва пойафзол 0,6 фоиз, маводи сӯзишворӣ 2,0 фоиз (бахусус нархи гази моеъ 5,2 фоиз ва бензини АИ-92 0,2 фоиз) мушоҳида гардид.

Нарху тарифаҳои хизматрасониҳои пулӣ ба аҳолӣ бошад, асосан дар натиҷаи қиматшавии нархи хизматрасониҳои гази моеъ 5,2 фоиз, маъориф 0,4 фоиз ва нақлиёт 0,3 фоиз ба вуқӯъ пайваст.

Тибқи маълумоти омори расмӣ сатҳи таваррум дар моҳи ноябри соли 2023 дар кишварҳои шарикони савдо ва минтақа, аз ҷумла Туркия 3,3 фоиз,

**Таварруми моҳона ва солона (бо фоиз)**
(манбаъ: Агентии омор, ҳисобҳои БМТ)




**Афзоиши гурӯҳи нархҳои истеъмолӣ ва саҳми сохтории онҳо дар таварруми солона (бо фоиз)**
(манбаъ: Агентии омор, ҳисобҳои БМТ)




**Сатҳи таваррум дар кишварҳои шарикони савдо ва минтақа (бо фоиз)**
(манбаъ: Мақомоти омори давлатҳо)

| Кишварҳо | Таварруми моҳона (ноя. с.2023) | Таваррум янв-ноя. с.2023 | Таварруми солона (ноябр с.2023) |
|---|---|---|---|
| Туркия | 3,3 | 58,2 | 62,0 |
| Ӯзбекистон | 1,1 | 7,3 | 8,8 |
| Россия | 1,1 | 6,6 | 7,5 |
| Қазоқистон | 1,0 | 8,0 | 10,3 |
| Белорус | 0,6 | 4,8 | 5,4 |
| Арманистон | 0,5 | -1,5 | -0,5 |
| Қирғизистон | 0,3 | 7,0 | 6,9 |
| Гурҷистон | -0,2 | 0,4 | 0,1 |
| **Тоҷикистон** | **-0,2** | **3,4** | **3,7** |

Ӯзбекистон 1,1 фоиз, Россия 1,1 фоиз, Қазоқистон 1,0 фоиз, Белорус 0,6 фоиз, Арманистон 0,5 фоиз, Қирғизистон 0,3 фоиз ва Гурҷистон -0,2 фоизро ташкил намуд.

**Ҳамин тариқ, таварруми солона (дар 12 моҳи охир) дар моҳи ноябри соли ҷорӣ тамоюли пастравӣ дошта, ба 3,7 фоиз баробар гардид, ки дар муқоиса ба моҳи қаблӣ 0,7 б.ф. ва ҳамин давраи соли гузашта 0,8 б.ф. кам мебошад.**

Дар моҳи ноябри соли ҷорӣ сатҳи таварруми солона дар кишварҳои шарикони савдо ва минтақа, аз ҷумла Туркия 62,0 фоиз, Қазоқистон 10,3 фоиз, Ӯзбекистон 8,8 фоиз, Россия 7,5 фоиз, Қирғизистон 6,9 фоиз, Белорус 5,4 фоиз, Гурҷистон 0,1 фоиз ва Арманистон -0,5 фоизро ташкил менамояд.

Сатҳи таварруми аслӣ, ки қисман омилҳои монетариро инъикос менамояд, дар моҳи ноябри соли ҷорӣ 0,1 фоизро ташкил намуда, бо арзёбии солона бошад, ба 2,0 фоиз баробар гардид.

**Бонки миллии Тоҷикистон татбиқи сиёсати пулию қарзиро ҷиҳати коҳиш додани таъсири омилҳои монетарӣ ба сатҳи таваррум минбаъд низ идома хоҳад дод.**

**Таварруми аслии солона (бо фоиз)**
(манбаъ: Агентии омор, ҳисобҳои БМТ




[1] - тибқи маълумоти Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон

## Намояи нархҳои истеъмолӣ (таварруми солона бо фоиз)*

| | Вазн,% | 2019 | 2020 | 2021 | 2022 | | | | | 2023 | | | | | | Ноя тағйирёбии моҳона, % |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | | | Январ | Март | Июн | Сентябр | Декабр | Январ | Март | Июн | Сен | Окт | Ноя | |
| **Номгӯи молу маҳсулот ва хизматрасонӣ** | **100,0** | **8,0** | **9,4** | **8,0** | **7,8** | **7,3** | **8,3** | **5,7** | **4,2** | **4,3** | **3,6** | **2,4** | **5,1** | **4,4** | **3,7** | **-0,2** |
| **Маҳсулоти хӯрокворӣ ва нӯшокиҳои беспирт** | **47,9** | **11,4** | **13,5** | **7,5** | **6,8** | **7,2** | **9,6** | **7,9** | **5,2** | **5,3** | **4,3** | **1,1** | **5,8** | **4,8** | **3,1** | **-0,8** |
| Нон ва маҳсулоти нонӣ | 12,7 | 16,5 | 13,8 | 4,0 | 4,8 | 11,0 | 24,6 | 13,0 | 4,7 | 2,5 | -2,6 | -8,7 | 2,3 | 6,1 | 5,7 | -0,6 |
| Биринҷ | 2,5 | 7,6 | 3,2 | -7,5 | -7,5 | -5,7 | -1,2 | 1,7 | 9,1 | 15,9 | 21,6 | 54,1 | 54,8 | 50,9 | 48,5 | -1,1 |
| Орд | 6,1 | 21,0 | 16,4 | 8,0 | 8,8 | 18,0 | 38,3 | 18,3 | 2,8 | -4,8 | -12,6 | -30,1 | -14,8 | -9,2 | -9,0 | -0,5 |
| Гӯшт ва маҳсулоти он | 7,8 | 21,8 | 5,7 | 15,1 | 15,3 | 9,8 | 0,3 | -2,4 | -0,8 | 0,0 | -0,2 | 5,3 | 6,8 | 6,2 | 4,8 | -0,2 |
| Гӯшти гов | 3,9 | 25,9 | 6,2 | 14,9 | 15,1 | 7,7 | -4,9 | -8,5 | -4,8 | -3,6 | -2,5 | 6,5 | 9,3 | 8,1 | 6,4 | 0,0 |
| Тухм | 1,7 | 6,3 | 18,9 | -14,4 | -24,0 | -21,2 | -12,1 | 17,4 | 43,1 | 48,3 | 40,4 | 19,6 | 0,3 | -8,3 | -32,8 | -9,3 |
| Шир ва маҳсулоти ширӣ | 2,7 | 6,4 | 4,3 | 8,9 | 7,7 | 23,6 | 23,9 | 25,4 | 25,4 | 28,8 | 14,7 | 8,6 | 5,2 | 4,9 | 3,1 | -0,4 |
| Шир | 0,7 | 7,3 | 5,6 | 4,3 | 4,0 | 15,4 | 21,3 | 11,6 | 20,4 | 23,2 | 18,5 | 8,9 | 6,7 | 10,6 | 6,2 | -0,4 |
| Равғани рустанӣ ва ҳайвонот | 4,6 | -1,7 | 42,3 | 20,8 | 20,5 | 12,4 | 4,3 | -2,7 | -10,6 | -11,3 | -11,2 | -28,9 | -22,7 | -22,4 | -24,4 | -4,0 |
| Меваҷот | 4,4 | -2,2 | 4,7 | -6,7 | -6,6 | -8,3 | -6,1 | -8,8 | -6,9 | -5,8 | 1,5 | 13,9 | 28,8 | 27,9 | 30,5 | 2,8 |
| Сабзавот | 7,3 | 15,4 | 5,8 | 16,4 | 11,6 | 6,3 | 1,8 | 14,9 | 12,1 | 14,8 | 23,1 | 17,1 | 18,1 | 4,0 | 1,4 | -1,6 |
| Шакар | 1,6 | -5,1 | 40,8 | 4,4 | 4,3 | 6,9 | 22,0 | 12,0 | 6,2 | 2,0 | -9,1 | 8,3 | 18,2 | 27,2 | 29,2 | -1,8 |
| Нӯшокиҳои беспирт | 1,5 | 8,1 | -2,2 | -0,7 | 0,6 | 2,6 | 5,5 | 14,6 | 14,0 | 13,4 | 13,1 | 10,9 | -5,2 | -5,2 | -3,8 | 1,6 |
| **Хӯроки умумӣ**** | **1,3** | **3,0** | **5,9** | **3,3** | **3,3** | **3,3** | **3,5** | **6,7** | **5,5** | **6,0** | **6,7** | **6,5** | **2,7** | **2,7** | **2,7** | **-0,1** |
| **Нӯшокиҳои спиртдор ва тамоку** | **1,4** | **1,0** | **5,0** | **5,8** | **5,7** | **6,2** | **6,0** | **5,9** | **2,9** | **2,8** | **1,5** | **0,5** | **0,8** | **1,3** | **1,3** | **0,0** |
| **Маҳсулоти ғайрихӯрокворӣ** | **28,0** | **4,2** | **5,8** | **7,5** | **7,8** | **6,3** | **6,6** | **4,7** | **3,9** | **4,1** | **3,5** | **4,5** | **6,0** | **6,8** | **6,9** | **0,4** |
| Либос ва пойафзол | 12,2 | 13,4 | 4,5 | 2,8 | 3,2 | 2,4 | 3,4 | 2,5 | 4,0 | 4,1 | 4,3 | 5,5 | 7,3 | 7,3 | 7,4 | 0,6 |
| Масолеҳи таъмир ва сохтмон | 1,8 | 4,9 | 8,0 | 8,0 | 6,8 | 7,8 | 8,3 | 7,9 | 3,8 | 4,2 | 2,9 | 5,8 | 5,4 | 5,7 | 5,6 | -0,3 |
| Моводи шустушӯй | 1,5 | 3,3 | 10,1 | 4,6 | 5,2 | 5,1 | 13,6 | 17,9 | 22,6 | 24,9 | 24,2 | 14,7 | 4,6 | 4,8 | 0,6 | 0,0 |
| Доруворӣ | 1,9 | 13,0 | 7,8 | -0,7 | 4,2 | 7,4 | 8,7 | 10,3 | 11,2 | 7,0 | 5,1 | 11,5 | 9,4 | 9,8 | 9,5 | 0,0 |
| Сӯзишвории нақлиёт | 1,3 | -5,7 | -6,1 | 63,0 | 54,6 | 33,2 | 18,1 | -3,8 | -21,2 | -25,1 | -26,9 | -19,2 | -2,9 | 9,5 | 16,2 | 2,0 |
| Дигар намуди сӯзишворӣ | 0,3 | -9,9 | 14,8 | 2,7 | 2,7 | 5,1 | 4,7 | 1,5 | -1,7 | 3,1 | 1,1 | -0,9 | -0,8 | 4,7 | 7,2 | 2,4 |
| Васоити нақлиёт | 0,7 | 0,8 | 3,2 | 2,9 | 4,0 | 1,5 | 1,5 | 1,6 | 1,1 | 0,1 | 0,1 | 0,7 | 13,2 | 12,5 | 12,7 | 0,2 |
| Лавозимот ва ашёи дигари истифодабарии шахсӣ | 1,5 | 3,8 | 8,8 | 3,7 | 4,1 | 3,2 | 3,1 | 4,9 | 5,4 | 5,3 | 4,8 | 3,7 | 3,5 | 3,0 | 2,6 | 0,0 |
| **Хизматрасониҳо** | **21,5** | **5,5** | **4,0** | **11,3** | **11,5** | **9,9** | **8,4** | **1,3** | **2,0** | **1,9** | **2,1** | **2,7** | **3,6** | **0,1** | **0,6** | **0,4** |
| Манзилӣ-коммуналӣ | 8,1 | 9,1 | 1,8 | 13,1 | 13,2 | 10,1 | 5,2 | -5,3 | 4,4 | 3,2 | 4,3 | 7,5 | 9,1 | -0,1 | 0,4 | 0,3 |
| Иҷорапулии манзил | 0,4 | 2,8 | 6,0 | -1,1 | -0,9 | 3,7 | 4,5 | 5,9 | 7,0 | 8,0 | 3,2 | 3,2 | 2,7 | 2,7 | 1,2 | 0,0 |
| Обрасонӣ ва партовбарорӣ | 1,4 | 4,3 | 0,0 | 0,2 | 0,2 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,2 | 0,2 | 0,2 | 0,2 | 0,2 | 0,2 | 0,0 |
| Қувваи барқ | 5,3 | 16,2 | 0,7 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 17,3 | 17,3 | 17,3 | 17,7 | 17,7 | 0,3 | 0,3 | 0,0 |
| Оби гарм | 0,1 | 0,6 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 1,6 | 1,6 | 1,6 | 1,6 | 1,6 | 1,6 | 0,0 |
| Газ | 0,4 | -5,9 | 4,0 | 66,1 | 66,6 | 44,4 | 13,1 | -23,7 | -29,6 | -46,8 | -42,2 | -34,6 | -4,4 | 15,4 | 23,1 | 5,2 |
| Нақлиёт | 3,7 | 3,7 | 3,0 | 22,4 | 22,4 | 19,5 | 19,2 | 9,3 | -1,2 | 0,5 | -0,2 | -1,8 | -3,2 | -5,0 | -4,5 | 0,3 |
| Алоқа | 2,8 | 0,1 | 9,0 | 0,1 | -0,7 | -0,7 | -0,6 | -0,7 | -0,7 | 0,2 | 0,1 | 0,1 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 |
| Маориф | 2,0 | 1,5 | 9,3 | 7,8 | 8,2 | 8,2 | 8,3 | 0,7 | 1,4 | 1,4 | 1,3 | 1,2 | 3,6 | 2,7 | 3,1 | 0,4 |
| Тандурустӣ | 0,8 | 15,6 | 0,4 | 0,1 | 0,3 | 1,1 | 2,1 | 2,1 | 2,0 | 1,9 | 1,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 |
| Маишӣ | 3,4 | 3,8 | 6,7 | 1,7 | 2,8 | 3,2 | 4,1 | 4,5 | 5,0 | 3,9 | 3,9 | 3,5 | 4,3 | 4,1 | 5,1 | 1,0 |

*- Номгӯи молу маҳсулот ва хизматрасониҳои серистеъмоли аҳолиро дар бар мегирад. Маълумоти пурра оид ба номгӯи маҳсулот (аз рӯи сабади истеъмолӣ-546 номгӯи маҳсулот) дар сомонаи Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон (www.stat.tj) ҷойгир мебошад.

** - Ошхона, қаҳвахона ва тарабхонаҳо